ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст.

Эҷодиёти Саттор Турсун аз ҷониби хонандагон ва нақди адабии тоҷикӣ ҳамчун яке аз нависандагони муваффақу матраҳи тоҷик баҳои сазовор гирифтааст. Муҳаққиқони тоҷик М. Шакурӣ, Х. Асозода, Р. Амонов, Х. Шарифов, А. Сатторов, А. Сайфуллоев, Ҷ. Бақозода, А. Набавӣ, А. Раҳмонзода, С. Абдулло, Н. Салимӣ, М. Раҷабӣ, Ш. Солеҳов ва дигарон роҷеъ ба паҳлуҳои мухталифи эҷодиёти С. Турсун андешаҳои ҷолиб баён намуда, эҷодиёт ва ҳунари нависандаро аз дастовардҳои хуби адабиёти муосири тоҷик, хосса дар наср таъкид ва эътироф намудаанд.

Таҳқиқи яке аз паҳлуҳои эҷодиёти Саттор Турсунро Саидзода Саида Саид зери унвони «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» дар қолаби диссертатсияи номзадӣ пешкаши хонандагон ва аҳли илм намудааст. Аз таҳлили автореферати диссертатсия ба хубӣ аён мегардад, ки муаллифи он дар роҳи душвори таҳқиқоти илмӣ қадамҳои устувор гузоштааст ва кори анҷомдодааш воқеан кори шоистаи таҳсин аст. Диссертатсияи Саидзода С.С. аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст.

Дар боби аввал масъалаҳои роҳи эҷодӣ, таснифи асарҳо, густариши ҳикоя ва повест дар насри муосири тоҷикии солҳои 70-90 ва нақши ҳикояҳо ва повестҳои Саттор Турсун дар инкишофи тамоилҳои асосии насри муосири тоҷикӣ таҳқиқ ва баррасӣ гардидаанд.

Дар боби дуюм масъалаҳои мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии чаҳор повести нависанда ба таҳқиқ кашида шудааст.

Дар боби сеюм, ки «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун» унвон дорад, таҳқиқи масъалаҳои мубрами роман ва забону сабки баёни Саттор Турсун ба таҳқиқ ва пажуҳиш гирифта шудааст.

Хулосаи диссертатсия дар 13 банд ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 7 банди мушаххас аз таҳқиқи мавзуъ натиҷагирӣ шудаанд, ки ҷамъбасти муҳтавои кори илмиро нишон медиҳанд.

Автореферати диссертатсияи Саидзода Саида Саид ба забони равони илмӣ ва беғалат иншо шуда, бартариҳои зиёд дорад. Новобаста

ба муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳталабанд:

1. Дар автореферат (саҳ.8) омадааст, ки Саттор Турсун дар маҷмуъ 7 повест иншо кардааст, вале муаллиф чаҳор повести нависандаро ба таҳқиқ гирифтааст.

2. Чун масъалаҳои матраҳшаванда дар диссертатсия зиёданд, унвончӯ имконият дошт, ки бандҳои хулосаро зиёдтар нишон диҳад.

3. Дар автореферат андешаҳои публитсистии Саттор Турсун ба таври иҷмолӣ таҳлил гардидааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда: номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи забони тоҷикии МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав» Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Кайҳоннавардон – 34/32.
Тел.: (+992) 901-88-17-77.

Имзои М.Б. Раҳмоновро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав» Нажмидинов Муслиҳиддин Маҳмараҷабович

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (8 32 22) 2-45-20; 2-22-53.
E-mail: bsu@mail.ru

06.02.2026